«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, дотсент
______________Назарзода Х.Х.
«__3__» ____06______с. 2024

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Садиқова Шукрона Карчаевна дар мавзуи «Ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод шудааст**

## I. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Навоварӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мутобиқат мекунанд: 1.3. Ташаккулдиҳии муҳити инноватсионӣ ҳамчун шарти муҳимтарини амалӣ намудани инноватсияҳои самаранок. Муайян кардани муносибатҳо, шаклу тарзҳои муҳайё намудани шароити муносиб барои татбиқи фаъолияти инноватсионӣ. Роҳҳои беҳгардонии иқлими инноватсионӣ; 1.13. Коркард ва такмилдиҳии шаклҳо, сохтор ва низомҳои институтсионалии идоракунии фаъолияти инноватсионӣ ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ. Баҳодиҳии самаранокии фаъолияти инноватсионӣ; 1.21. Такмилдиҳии маблағгузориҳо бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти инноватсионӣ ва рушди сармояи инсонӣ; 1.29. Такмили методологияи идоракунии сармояи инсонӣ барои манфиатҳои рушди инноватсионӣ ва рақамикунонии равандҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ.

## II. Мубрамият будани мавзуи диссертатсия.

Таҳаввулоти таърихии ташаккул ва рушди муносибатҳои иқтисодию иҷтимоии ҷомеа аз муҳиммият ва калидӣ будани нақши сармояи инсонӣ далолат медиҳад. Зеро тибқи мушоҳидаҳо маълум мегардад, ки дар баробари он ки дар меҳвари бозсозиҳо инсон меистад, инчунин талабот ба рушди инноватсия ва ҳамкориҳо ба хотири рушд дар ҳофизаи фард ё одамон ба вуҷуд меояд. Бо таваҷҷуҳ ба ин нуқтаи назар хулоса намудан мумкин аст, ки заминаи асосии тараққиёт ва рушди дилхоҳ сохтори ҷамъиятӣ инсон ва қобилиятҳои алоқаманд бо он ба ҳисоб меравад.

Тарҳи дигари тасдиқи муҳиммияти мавзуи таҳқиқот дар он асос меёбад, ки муаллиф таваҷҷуҳи асоси ба созмон додани шароите ишора намудааст, ки имконияти рушди сармояи инсонӣ ва ба ин васила дигар бахшҳои фаъолиятро таъмин карда метавонад. Таҷрибаи ИМА, Ҷопон, Сингапур ва дигар давлатҳои саноатӣ нишон медиҳанд, ки ҳангоми ташкил ва таъмини муҳити институтсионалӣ-инноватсионии такрористеҳсолии сармояи инсонӣ ба маротиб зиёд гардида дар шакли сифатан нав рушд мекунад, ки талаботи бозори меҳнатро комилан қонеъ гардонида метавонад. Воқеан, диссертант дуруст қайд намудааст, ки "... муҳити институтсионалӣ фарогири раванди комили такрористеҳсоли сармояи инсонӣ аст. Бо таваҷҷуҳ ба ин ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ заминаи муҳимми ноил гардидан ба рушди инноватсионии иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар навбати худ модели инноватсионии рушди иқтисоди миллӣ ва татбиқи принсипҳои асосии он самти афзалиятноки ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар барои давраи дарозмуддат мебошад".

Дар шароити феълӣ, ки афзоиши талабот нисбат ба истеҳсолоти доништалаб мушоҳида мешавад, ба таҳқиқот фаро гирифтани мавзуи «Ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ» амали саривақтӣ аст. Илова бар ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити қабул ва амалигардонии як қатор стратегия ва

барномаҳои муҳими минтақавию ҷумҳуриявӣ, ба монанди: Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи ҳифзи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 ва ғ. қарор дорад, ки мафҳум ва муҳтавои таҳқиқот ба мақсад ва вазифаҳои татбиқи стратегия ва барномаҳои болозикр мутобиқат мекунад.

**III. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмӣ, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**

Дар мавриди омӯзиши сохтори таҳқиқоти диссертатсионӣ маълум мегардад, ки муаллиф вобаста ба муҳтавои мавзуъ ҳадаф ва вазифагузории дуруст намуда, иҷроиши онҳо имконияти ба даст овардани чунин навгониҳои илмӣ гаштаанд:

– муқаррароти назариявии механизми такрористеҳсоли сармояи инсонӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ мушаххас шуда, имкон медиҳад, ки вазифа ва функсияҳои ниҳодҳои иқтисодиву иҷтимоии ташаккули қобилиятҳои инноватсионии захираҳои меҳнатӣ бо таваҷҷуҳ ба талаботҳои иқтисодиёти инноватсионӣ муайян карда шаванд, омилҳои таъсиррасон ба эҷоди муҳити мусоиди ниҳодии рушди сармояи инсонӣ ошкор карда шаванд. Дар ин замина, нуктаи назари муаллиф дар робита ба мафҳуми сармояи инсонӣ пешниҳод шудааст, ки онро ҳамчун маҷмуи қобилиятҳои табиӣ ва ҳосилнамудаи шахс таъриф менамояд, ки дар асоси сармоягузорӣ ба тафаккури эҷодии ӯ ҷиҳати ба роҳ мондани фаъолияти навҷорисозӣ ташаккул меёбад;

– ҷанбаҳои методии ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии такрористеҳсоли сармояи инсонӣ бо таваҷҷуҳ ба мушаххас гардонидани принсипҳои асосии сармоягузорӣ ба рушди он мушаххас шудаанд, ки имкон додаанд ду гурӯҳи принсипҳои нав (принсипҳои марбут ба сармоягузорӣ ба таҳкими муҳити институсионалии такрористеҳсоли сармояи инсонӣ ва принсипҳои марбут ба сармоягузорӣ ба таҳкими фарҳанги навоварӣ) пешниҳод гарданд, ки ба такмили муҳити институсионалию инноватсионии рушди сармояи инсонӣ нигаронида шудаанд;

– муҳити такрористеҳсоли сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои илмию таълимии инкишофи он арзёбӣ гардида, ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии он баҳогузорӣ шудаанд, ки имкон дод хусусиятҳои хоси робитаҳои амудӣ ва уфуқии ниҳодҳои мухталиф дар раванди такмили тафаккури инноватсионии муҳассилин ошкор карда шуда, тазодҳои сохторӣ, меъёрӣ ва ташкилии ҷараёни ташаккул ва истифодабарии самараноки сармояи инсонӣ мушаххас гардад;

– ҷанбаҳои ҳамкориҳои мутақобилаи бозори хизматрасониҳои таълимӣ ва меҳнат дар раванди инкишофи сармояи инсонӣ тадқиқ шуда, омилҳои муассир ба эҷоди коҳиши ҳамоҳангӣ байни муассисаҳои таълимӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ ҷудо карда шудаанд, ки баёнгари тафовути сатҳи омоданамоии мутахассисон ба талаботҳои бозори меҳнат мебошад. Дар ин замина ба омили “тафовути технологии низоми таҳсил ва бозори меҳнат” ҳамчун сабаб ва натиҷаи халалдор шудани тавозуни арза ва тақозо дар бозори меҳнат таъкид шуда, равишҳои методии ташаккули муҳити инноватсионии инкишофи сармояи инсонӣ чун роҳи ҳалли масоили бавуҷудомада пешниҳод гардидаанд;

– механизми ташаккули кластерҳои илмию таълимӣ ҳамчун муҳити мусоид ҷиҳати рушди инноватсионии сармояи инсонӣ коркард ва самтҳои асосии стратегияи ташаккули он дар асоси ба назар гирифтани хусусиятҳои сохтории кластерии илмию таълимӣ ва инфрасохтори махсуси

зерсистемаҳои инноватсионии минтақавӣ муайян карда шудаанд, ки роҳандозии он, аз як тараф ба ташаккули тавонмандиҳои инноватсионии мутахассисон ва аз тарафи дигар, барои аз байн бурдани тафовутҳои тавозуни арзаву тақозо дар бозори меҳнат мусоидат хоҳад кард;

– маҷмуи тавсияҳо оид ба рушди сармояи инсонӣ дар раванди рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ бо таваҷҷуҳ ба суръат бахшидан ба омӯзиши касбии кормандон, ҷорӣ намудани барномаҳои таълимии фарогир ва таъмини ангезаи омӯзиш байни муҳассилон пешниҳод гардида, консепсияи рушди сармояи зеҳнӣ дар асоси ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионӣ коркард шудааст.

Муаллиф бо мақсади муаррифӣ ва фаҳмондадиҳии унсурҳои навгонии илмӣ нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро дар мувофиқа ба мазмун ва мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бисёр хуб тасниф ва пешниҳод намудааст:

– таърифи мунҳасир ба фарди муаллиф дар робита ба мафҳуми сармояи инсонӣ, ки ҷараёни такрористеҳсоли онро чун натиҷаи алоқамандӣ ва ҳамбастагии ниҳодҳои мухталифи расмиву ғайрирасмӣ ва меъёриву сохторӣ ҷиҳати омода намудани неруи рақобатпазири корӣ тавсиф намуда, нишондиҳандаи асосии самараи ҳамбастагии мазкурро ташаккули тавонмандии инноватсионӣ пешниҳод менамояд;

– сохтори муҳити институтсионалӣ-инноватсионии такрористеҳсоли сармояи инсонӣ, ки қонуниятҳои таъмини ҳамбастагии ниҳодҳои мухталифи инкишофи сармояи инсониро (оила, муассисаҳои таълимӣ, ширкатҳо, давлат ва ғ.) бо таваҷҷуҳ ба таъмини ангезаи кофӣ ҷиҳати суръат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ нишон медиҳад;

– модели иқтисодиву риёзии муҳосибаи омилҳои муассир ба раванди шаклгирии муҳити институтсионалӣ-инноватсионии такрористеҳсоли сармояи инсонӣ;

– модели консептуалии кластери илмию таълимӣ, ки микромуҳити институтсионалӣ-инноватсионии такрористеҳсоли сармояи инсониро инъикос менамояд;

– равиши системавии рушди сармояи инсонӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ, ки сармояи зеҳниро дар сохтори омилҳои таъмини мувофиқати бозори хизматрасониҳои таълимӣ ва бозори меҳнат ба сифати омили калидӣ таъриф менамояд.

**IV. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бисёр хуб исбот шудаанд. Илова бар ин, дар асоси интихоби усулҳо дар раванди таҳлилу таҳқиқи мавзуъ, миқдори зарурии маводе, ки дар ҷараёни таҳқиқот истифода мешаванд, эътимоднокии манбаъҳои иттилоотии ҷамъовардашуда ва коркардашуда оид ба мавзуи таҳқиқот, бо тасдиқи муқарраротн илмии пешниҳодкардаи муаллиф, ки дар диссертатсия мавҷуданд, тасдиқ карда мешаванд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд.

**IV. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи он.**

Аҳаммияти илмии таҳқиқот дар тақвияти ҷанбаҳои назариявию методии рушди сармояи инсонӣ бо таваҷҷуҳ ба таҳлил ва муайян намудани муҳити созгори институтсионалӣ-инноватсионӣ асос ёфтааст. Ҷиҳати таҳлил ва омӯзиши фазои созгори рушди инсонӣ муаллиф консепсияи илмӣ, методҳои баҳогузорӣ ва қоидаю принсипҳои ҳамкориро вобаста ба алоқамандии ниҳодҳои алоҳидаи рушди сармояи инсонӣ коркард ва пешниҳод намудааст, ки қобили пазироӣ мебошанд. Илова бар ин, бо таваҷҷуҳ ба қонуниятҳои имлӣ дастовардҳои илмӣ ва нашрияҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар самти омӯзиши назарияи сармояи инсонӣ, иқтисодиёти инноватсионӣ ва иқтисодиёти институтсионалӣ омӯхта шуда,

ҳамгироии онҳо ошкор карда шудааст. Дар рафти омӯзиш санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии марбут ба инкишофи захираҳои меҳнатӣ, танзими бозори меҳнат, бозори хизматрасониҳои таълимӣ, идоракунии татбиқи принсипҳои асосии иқтисодиёти инноватсионӣ ва амсоли он мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он инъикос меёбад, ки натиҷаҳои бадастовардаи диссертантро вазорату идораҳои дахлдори давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва бахши хусусӣ, ки дар такя ба рушди сармояи инсонӣ азми таъмини рақобатпазирии фаъолияти истеҳсолию хизматрасонии худро доранд, истифода карда метавонанд. Дар баробари ин, натиҷаҳои илмӣ, ки дар чорчӯбаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст оварда шудаанд, ҳангоми таълим ва тадриси бисёр фанҳо дар ихтисосҳои равияи иқтисодӣ, ба монанди: «Назарияи иқтисодӣ», «Назарияи сармояи инсонӣ», «Мудирияти дониш», «Сармояи зеҳнӣ», «Менеҷменти инноватсионӣ», «Идоракунии рақамикунонии иқтисодиёт», «Иқтисоди институтсионалӣ» ва ғайра истифода шаванд.

**V. Сохтор ва мазмуни қисмҳои асосии таҳқиқоти илмӣ.**

**Мундариҷа.** Бо таваҷҷуҳ ба мундариҷаи диссертатсия дар мутобиқат ба мафҳум ва муҳтавои номи мавзуъ хулоса кардан мумкин аст, ки боб ва зербобҳои таркибии онҳо ба мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи назди таҳқиқот мутобиқат мекунанд.

**Муқаддима.** Ш.К. Садиқова дар муқаддимаи диссертатсия бо таваҷҷуҳ ба махсусиятҳои илмию амалии мавзуи таҳқиқот муҳиммияти онро вобаста ба сатҳи идоракунӣ ва рушди сармояи инсонӣ асоснок намудааст. Ҳамзамон, бо дарназардошти талабот ва тавсияҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон унсурҳои асосии таҳқиқоти диссертатсиони (мақсад, вазифа, объекти тадқиқоти илмӣ, предмети тадқиқот, фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ, пойгоҳи иттилоотӣ, навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсия, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси

илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия ва ҳаҷм ва сохтори таҳқиқоти диссертатсиони)-ро тавассути риояи ҷиддии пайдарҳамӣ ва таъмини мазмун пешниҳод намудааст.

Дар боби якум «Асосҳои назариявии ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ» Ш.К. Садиқова масъалаи ҷанбаҳои илмию назариявии имконият ва зарурати рушди сармояи инсониро дар асоси такомули фазои институтсионалӣ ва инноватсионӣ бисёр хуб омӯхтааст. Муаллиф дар ин боб ҷиҳати расидан ба мақсади гузошташудаи назди таҳқиқот чунин масъалаҳоро мавриди таҳлил ва баҳогузории илмӣ қарор додааст, ба монанди: асосҳои назариявии омӯзиши сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ (С.16-34), ҷанбаҳои методии тадқиқи сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ (С.34-51), механизми ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ (С.51-70).

Муаллиф дар зербоби якум, саҳифаи 27-ум дар асоси таҳлили қиёсии андешаҳои олимони дохилӣ ва хориҷӣ қоидаи ифодакунандаи мафҳуми сармояи инсониро бо тарҳи хуб пешниҳод намудааст, ки чунин аст: "... сармояи инсонӣ ҳамчун маҷмуи қобилиятҳои табиӣ ва азхуднамудаи шахс (дар асоси таҳсилоти умумӣ, махсус ва обутоби ҷисмонӣ) муайян менамоем, ки ба воситаи сармоягузорӣ ба тафаккури эҷодии ӯ ҷиҳати ба роҳ мондани фаъолияти навҷорисозӣ ҳосил мешавад. Раванди шаклгирии сармояи инсониро муҳити такрористеҳсолии он муайян менамояд". Лозим ба ёдоварист, ки асоси рушди сармояи инсониро муаллиф дар доираи ин қоида аз таъмини шароити такрористеҳсолии он вобаста медонад, ки комилан дуруст аст. Илова бар ин муаллиф вобаста ба ҷамъбасти андешаҳо ва хулосаҳои илмӣ дар ҷадвали 1.1.1., саҳифаи 28 таснифи намудҳои сармояи инсониро бо таваҷҷуҳ ба як қатор аломатҳои қобили қиёс пешниҳод намудааст, ки қаблан ин гуна таснифоти комил дар сарчашмаҳои илмӣ набуд.

Дар зербоби 1.2. аз саҳифаи 34 то 51-ум муаллиф бо таваҷҷуҳ ба махсусиятҳои шароити иқтисодиёти инноватсионӣ ҷанбаҳои методии таҳқиқи сармояи инсониро истифода намуда, исбот кардааст, ки бо назардошти махсусиятҳои сармояи инсонӣ ва тақозои иқтисодиёти инноватсионӣ зарурат ба ташкили шароити нави рушди сармояи инсонӣ ба вуҷуд омадааст.

Дар зербоби 1.3. ба масъалаи асосноксозии механизми ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ (С.50-67) равона шудааст. Дар зербоби мазкур муаллиф бо таваҷҷуҳ ба натиҷаи илмии олимони дохилӣ ва хориҷӣ омил ва шароити рушди инсонро дар муҳити ҳамкории институтсионалӣ ва инноватсионӣ бисёр хуб мавриди таҳқиқ қарор додааст. Равиши комилан фарқкунандаи муаллиф дар таснифи омилҳо дар сатҳи фард, созмон ва ҷумҳурӣ ба шумор меравад.

Дар боби 2-юми таҳқиқоти диссертатсионӣ тавассути вазифагузории таҳлили «Таҳаввулоти институтсионалии муҳити такрористеҳсоли сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» як қатор масъалаҳое мавриди арзёбӣ қарор дода шудааст, ки вазъияти феълии муҳти институтсионалӣ ва инноватсионии такрористеҳсолии сармояи инсониро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан муайян карда метавонанд.

Дар зербоби 2.1. аз саҳифаи 70 то 88 ҷанбаҳои асосии институтсионалии ташаккул ва инкишофи сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба масъалаҳои алоқаманд бо раванди таълиму тадрис мавриди омӯзиш қарор дода, қонунияти ташкили ҳамкории мутақобила байни корхонаҳо ва муассисаҳои олии касбиро мавриди таҳқиқ қарор дода вобаста ба ин хулосаҳои судманд пешниҳод намудааст. Муаллиф бисёр хуб исбот намудааст, ки асоси рушди инсон ва суръат гирифтани такрористеҳсолии сармояи инсониро ташкили ҳамкории донишгоҳҳо бо корхонаҳо ташкил медиҳад. Илова бар ин, механизми мазкур имконияти рушди инноватсияро таъмин намуда, рақобати комили сифат ва самаранокии фаъолият ба вуҷуд меояд.

Дар зербоби 2.2. тахти унвонии чанбахои хамкорихои мутакобилаи бозори мехнат ва хизматрасонихои таълимӣ дар раванди инкишофи сармояи инсонӣ, масъалаи боздехии сармояи инсонӣ вобаста ба баланд бардоштани сифати хизматрасонихои таълимӣ дар мутобикат ба талаботи бозори мехнат тахлил шудааст.

Дар зербоби 2.3. мухити инноватсионии рушди сармояи инсонӣ бо таваччух ба мачмуи омилхои таъсиррасон мавриди таҳқил ва бахогузори карор дода шудааст. Муаллиф барои бахогузории мухити созгори инноватсионӣ чунин омилхоро мавриди назарсанчӣ ва арзёбӣ карор додааст, ба монанди инфрасохтори инноватсионӣ, фарханги инноватсионӣ, низоми инноватсионӣ ва фазои инноватсионӣ.

Дар боби 3-юми диссертатсия самтхои мухимми таъмини мухити созгори институтсионалӣ ва инноватсионии рушди сармояи инсонӣ коркард ва тавсия шудааст, ки татбики амалии онхо то андоза дар хамгироии фаъолити ниходхои рушди инсонӣ ва рушди фаъолияти инноватсионӣ дар сатху шароитхои гуногун заминаи мусоид гузошта метавонанд.

Муаллиф дар зербоби якуми боби сеюм бо максади ташкили хамгироии ниходхои алокаманд бо рушди сармояи инсонӣ ташкили кластерхои илмӣ ва таълимиро тавсия намуда, рочеъ ба принсипхои ва мархилахои ташкил ва натичагирии он иандешахои судманд пешниход кардааст.

Дар зербоби 3.2. Ш.К. Садикова бо дарназардошти имкониятхои шароити иктисодиёти ракамӣ ташкили мухити инноватсионӣ ва институтсионалии рушди сармояи инсониро вобаста ба истифодаи технологияи ракамӣ ва имкониятхои инноватсионии кор бо иттилоотро бо махорати балан ва судмандии иктисодию ичтимоӣ тавсия намудааст.

Дар зербоби 3.3. муаллиф бо дарназардошти чанбахои илмию назариявӣ, вазъияти амалӣ ва мавчудияти мушкилотхои мавчудаи соха консепсияи рушди сармояи зехниро бо таваччӯх ба имкониятхои хамкории байнисохторӣ тавсия намуда, тасдик намудааст, ки дар ин замина рушди сармояи инсонӣ дар тархи нав ба вучуд меояд. Консепсияи тавсиянамудаи

муаллиф рушди сармояи инсонӣ ва дар ин замина таъмини рақобатпазирии иқтисоди миллиро кафолат медиҳад.

**VI. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталабӣ роҷеъ ба шаклгирии диссертатсия**

Қобили тазаккур аст, ки мазмун ва мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсионии Садиқова Шукрона Карчаевна аз натиҷаи илмии анҷомёфта ва арзишманди илмӣ далолат медиҳад. Вале дар баробари бартариятҳои таҳқиқоти анҷомёфта баъзан эродҳои хусусияти тавсиявидоштаро пешниҳод намудан мумкин аст, ки ҷиҳати такмил ва ташаккули консепсияи илмии мазкур дар оянда замина гузошта метавонанд:

1. Дар саҳифаи 27-уми таҳқиқоти диссертатсионӣ қоидаи муаллифӣ оид ба сармояи инсонӣ дар чунин мазмун "...маҷмуи қобилиятҳои табиӣ ва азхуднамудаи шахс (дар асоси таҳсилоти умумӣ, махсус ва обутоби ҷисмонӣ) муайян менамоем, ки ба воситаи сармоягузорӣ ба тафаккури эҷодии ӯ ҷиҳати ба роҳ мондани фаъолияти навҷорисозӣ ҳосил мешавад. Раванди шаклгирии сармояи инсониро муҳити такрористеҳсолии он муайян менамояд" оварда шудааст. Ба андешами мо, дар мавриди пешниҳоди қоида агар ҷанбаҳои саломатӣ ва фарҳангии сармояи инсонӣ ба эътибор гирифта мешуд, фикр аз нигоҳи илмӣ пурра мешуд.

2. Муаллиф назария ва амалияи механизми институтсионалӣ ва инноватсионии рушди сармояи инсониро бисёр дақиқ пайгирӣ намудааст, аммо ба назари мо хуб мешуд, ки механизми ташкил ва ба амал баровардани ин пешниҳодро бо нишон додани вазифа ва нақши иштироккунандагон дар шакли нақша нишон медод.

3. Муаллиф дар таҳқиқот масъалаи институтҳои ғайрирасмии алоқаманд бо рушди сармояи инсониро мавриди омӯзиш қарор додааст, аммо вазъ ва дараҷаи таъсири онҳоро дар шароити фард ва гурӯҳи одамон дар асоси моделҳои математикӣ арзёбӣ накардааст. Тавсия дода мешавад, ки дар таҳқиқотҳои минбаъда ин масъаларо мадди назар намонанд.

4. Муаллиф дар ҷадвали 2.1.1 "Асосҳои ҳуқуқӣ ва меъёрии ислоҳоти низоми маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" баъзан номгӯйи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва фарогирии ислоҳоти ин санадҳоро пешниҳод намудааст,

аммо натичаи самаранокӣ, мушкилоти раванди татбиқ ва дигар унсурҳои ин ташаббусҳои давлатиро таҳлил накардааст. Хуб мешуд, ки ин масъала мавриди санчиш ва арзёбӣ қарор дода шавад.

**VII. Нашри натичаҳои диссертатсия дар мачаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар 22 кори илмии муаллиф, аз он чумла 7 мақола дар мачаллаҳои (нашрияҳои) тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Чумҳурии Точикистон ба табъ расидаанд.

**VIII. Мувофикати диссертатсия ба «Тартиби додани дарачаҳои илмӣ»**

Автореферати диссертатсияи Садиқова Шукрона Карчаевна дар мавзуи «Ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ», ки барои дарёфти дарачаи илмӣ - номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои ичтимоӣ-иқтисодӣ, пешниҳод шудааст ба талаботи КОА-и назди Президенти Чумҳурии Точикистон чавобгӯ мебошад. Муаллиф чиҳати дастрасӣ ба ҳадаф ва ичрои вазифаҳои назди таҳқиқоти диссертатсионӣ комёб шудааст.

**Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия.** Диссертатсияи Садиқова Шукрона Карчаевна дар мавзуи «Ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ» таҳқиқоти илмии анчомёфта ба шумор рафта, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Чумҳурии Точикистон, аз чумла Тартиби додани дарачаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Чумҳурии Точикистон №267, аз 30 июни соли 2021) чавобгӯй мебошад. Муаллифи диссертатсия Садиқова Шукрона Карчаевна сазовори гирифтани дарачаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои ичтимоӣ-иқтисодӣ мебошад.

Тақриз дар чаласаи кафедраи менечмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии тичорати Точикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст

(суратмаҷлиси № 10 аз 31 майи соли 2024). Дар ҷаласа иштирок доштанд: 13 нафар. Натиҷаи овоздиҳии кушод:

Тарафдор 13-нафар,

Зид - нест,

Бетараф - нест.

**Раиси ҷаласа,** мудири кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в.дотсент М.Н. Мирзон

**Ташхисгар:**
Дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Мирзоалиев А.А.

**Котиби ҷаласа,** дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Аминов Ф.И.

**Имзоҳои М.Н. Мирзон, А.А. Мирзоалиев ва Ф.И. Аминовро тасдиқ менамоям:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДТТ** **Пирзода С.С.**

Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳотӣ ½. Телефон: +992(37) 234-83-46; +992(37) 234-85-46. E-mail: mail@ddtt.tj; tguk@mail.ru. http://www.tguk.tj